*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Бо дарназардошти он, ки ҳадафи асосии соҳаи бонкӣ таҳкими эътимод ба низоми бонкӣ ва кам кардани таъсири омилҳои берунӣ ба фаъолияти бонкӣ мебошад, пас омӯзиши фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд барои кор бо муштариён ва дар ин хусус мусоидат ба коркард ва пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ масъалаи мубрам маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, ҳоло раванди рақамигардонии фаъолияти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар ботадриҷ идома ёфта истодааст.

Аз ин рӯ, зарурати ҷорисозии технологияҳои навини бонкӣ ба самтҳои мухталифи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба миён меояд. Чунки ҳолати мазкур хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурдро такмил дода, ниҳоятан он ба беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи такмили хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ масъалаи муҳим мебошад.

Авторефератро аз рӯи маълумотҳои дар он ҷойдошта, мувофиқ ба талаботҳои мавҷуда арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар автореферат масъалаи таҳқиқшаванда ба таври возеҳ инъикос ёфта, нуктаҳои асосии назариявӣ, амалӣ ва таҳлилӣ пурра ҷойгир гардидаанд, ки аз таҳқиқоти комили муаллиф дарак медиҳанд.

Аммо илова ба бартариятҳо, дар автореферат ҳамчунин норасоиҳои муайян низ ҷой доранд:

1. Муаллиф дар ҷадвали 1 давраҳои ташаккулёбии истилоҳи «маблағгузории хурд»-ро аз нигоҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ коркард намудааст, ки ин қобили қабул аст, аммо беҳтар мебуд, агар нуктаҳои баҳсноки онро мавриди баррасӣ қарор медод.
2. Дар диаграммаи 1 муаллиф тағйирёбии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва сабабҳои асосии онро шарҳ додааст, вале дар ин самт номгӯи ташкилотҳои маблағгузории хурди муфлисшуда оварда нашудаанд.

Норасоиҳои номбурда қиммати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пешниҳодӣ (маслиҳатӣ) доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақризнавис:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в.
профессор, мудири кафедраи
менеҷменти байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирова Г.Т.

Имзои Қодирова Г.Т.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

*Суроға:*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33*
*Телефон: +992(37) 224-17-86*
*372-24-17-86*
*E-mail:info@apa.tj*